«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ д.и.т,
профессор Ибодуллозода А.И.
_____ 14 декабр 2022

ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи **“Муродифот дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

“Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” дар таърихи забони тоҷикӣ аз шоҳкорҳои наср ба шумор рафта, дар ҷовидонсозии вожагони тоҷикӣ ба унвони муҳимтарин сарчашмаи адабӣ нақши калидӣ дорад. Аз ин ҷиҳат, ҳар гуна пажуҳише, ки дар мавриди ин асар сурат мегирад, бе шак, арзишманд ва хидмате ба забону адаби тоҷикӣ мебошад. Бо назардошти ин нукта, диссертатсия дар мавзуи “Муродифот дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”, ки аз ҷониби Халиков Масъудҷон Ғафурович таълиф гаштааст, аз ҷойгоҳи баланди илмӣ бархурдор мебошад. Дар диссертатсия муаллиф талош кардааст, то муродифоти лугавӣ ва муродифоти ҷуфту пайиҳамро дар асоси маводи “Тарҷуман Тафсири Табарӣ” мавриди таҳлили густурдаву ҳаматарафаи забоншиносӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима пас аз овардани номгӯйи ихтисорахо, чун анъана доир ба мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илм, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносноман ихтисоси илмӣ,

тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, сохтори диссертатсия анҷом пазируфтааст.

Боби аввали диссертатсия "Сайри таърихии истилоҳи муродиф ва мутародиф дар забоншиносии тоҷик" номгузорӣ шуда, аз се фасл ва чор зерфасл таркиб ёфтааст. Дар оғози боби мазкур муҳаккик дар бораи истилоҳи муродиф, таърихи истифодашавии ин истилоҳ дар забоншиносии форсу тоҷик ва гунаҳои дигари ин истилоҳ – мутародиф ва синоним маълумот дода, масъалаи мазкурро аз ҳавзаҳои илмии тоҷикӣ, дарӣ, форсӣ, арабӣ ва русӣ баррасӣ кардааст. Инчунин, муаллифи рисола дар бораи навъҳои муродифот, силсилаи муродифӣ, роҳҳои пайдоиши муродифот, муродифоти ҷуфт ва воситаи алокаи онҳо, фаркияти такрорвожаҳову ҷуфтвожаҳо аз муродифоти ҷуфт маълумот додааст. Нуктаи муҳимме, ки муаллиф дар диссертатсия дарҷ менамояд, фарқ карда тавонистани вожаҳои муродифӣ аз гунаҳои калимаҳост. Муаллиф қайд мекунад, дар бештари ҳолатҳо муҳаккиқон байни муродифот ва гунаҳои муродифот фарқ гузошта натавонистаанд.

Нуктаи муҳимми дигаре, ки муаллиф дар ин боб бар он таъкид намудааст, шиноҳти дурусти воситаи алокаи муродифоти ҷуфт ва фарқ кардани муродифоти ҷуфт аз такрорвожаҳову ҷуфтвожаҳост. Муаллиф таҳлили таърихии пайвандаки "ва" (вови атф)-ро оварда, дар мавриди ҳондани он ҳамчун **ва** ё "-у" бар он таъкид мекунад. Хониши пайванаки мазкур дар мукоиса ба забоншиносии Эрон дар забоншиносии тоҷик равшантар аст. Масъалаи муҳимме, ки муаллиф кӯшидааст, то онро баррасӣ намояд, фарқ кардани муродифоти ҷуфт аз такрорвожаҳову ҷуфтвожаҳост. Ба андешаи муаллифи рисола бештари ҳолатҳо муҳаккиқон такрорвожаҳо ва ҷуфтвожаҳоро ба муродифоти ҷуфт иштибоҳ мегиранд ва байни онҳо фарқ гузошта наметавонанд.

Боби дувуми диссертатсия "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" – манбаи муҳимми муродифҳои ҷуфт" ном дошта, яке аз бахшҳои асосии диссертатсияро ташкил медиҳад. Дар ин боб аз ҷониби муаллиф ҷойгоҳи муродифоти асар нишон дода шуда, 72 силсилаи муродифӣ аз рӯйи

мавзуъ чудо карда шудааст, ки хар кадом дар зерфаслхои алохида мавриди шарху баррасии лингвистӣ карор гирифтааст.

Муаллифи рисола дар фасли аввали ин боб, ки "Тарчумаи Тафсири Табарӣ" ва чойгохи муродифхо дар он" ном дорад, тахлили омории муродифоти "Тарчумаи Тафсири Табарӣ"-ро анчом дода, онро бо чадвалхо нишон додааст. Муаллиф баъди баррасии муродифоти асар бо рохи интихоби эхтимолӣ тахминан аз 405 800 калимаи 7 чилди асар, ки аз 1 518 сахифаро ташкил менамояд, ба натича расидааст, ки муродифоти лугавӣ дар кисмати тарчумавии асар каме бештар аз 13,4 фоиз ва дар кисмати тафсирии он 13,1 фоиз истифода гаштааст.

Инчунин, муаллифи рисола баромади забонӣ ва сохтории муродифхоро дар "Тарчумаи Тафсири Табарӣ" баррасӣ намуда, бавучудоии калимахои муродифиро, ки бо рохи вандхо ва иктибосӣ сохта мешаванд, таъкид намудааст.

Фасли "Таснифи мавзуии муодифоти лугавӣ" фасли хачман васеъ буда, дар он 72 силсилаи муродифӣ (194 калимаи муродифӣ) аз нигохи мавзуъ тасниф карда шудааст, ки калонтарини онхо муродифоти динӣ ба шумор мераванд.

Муродифоти лугавии дигар дар мавзуъхои "инсон, аъзои бадани ӯ ва хешовандӣ" (15 силсилаи муродифӣ), "илми ситорашиносӣ ва дигар касбу хунархо" (11 силсилаи муродифӣ), "хайвоноту хашаротхо" (7 силсилаи муродифӣ), "унвони шохӣ ва сипохӣ" (5 силсила) ва "дигар муродифхои лугавӣ" (8 силсила) таснифбандӣ ва баррасӣ карда шудаанд.

Боби севуми диссертатсия, ки "Муродифхои чуфт ва пайихам" ном дорад, муаллифи диссертатсия дар он чойгохи муродифоти чуфту пайихамро дар "Тарчумаи Тафсири Табарӣ" маълуму мушаххас намуда, инчунин, сохтор, хамнишинӣ, мутобикати калимахои муродифӣ, устуворию ноустуворӣ, роххои сохта шудани муродифоти чуфт, воситаи алокаи муродифоту чуфту пайихам, охангноки хамвазнӣ ва баромади забонии муродифоти чуфтро баррасӣ намудааст.

Муаллиф ҳангоми баррасии асар такрибан 460 адад муродифи ҷуфт пайдо кардааст, ки ин аз мавқеи хосса доштани муродифҳои ҷуфт дар ин асар хабар медиҳад. Ба таъкиди муаллиф, аз 460 муродифи ҷуфт 208 адад дар тарҷумаи оёти қуръонӣ ва 234 адад дар тафсири онҳо ба кор рафтааст, ки аз ин теъдод 18 адад муродифи ҷуфт, ҳам дар тарҷумаи Қуръон ва ҳам дар тафсири он, баробар истифода гаштааст ва он дар диссертатсия дар ҷадвал нишон дода шудааст.

Дар **фасли дувум** "Баромади забонии муродифҳои ҷуфт дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" масъалаҳои баромади муродифҳои ҷуфт таҳқиқ гардида, муаллифи диссертатсия ҳангоми баррасии онҳо дар асар чунин баромади забонии муродифҳои ҷуфтро муайян намудааст: арабӣ-тоҷикӣ (143 адад), тоҷикӣ-тоҷикӣ (144 адад), тоҷикӣ-арабӣ (95 адад), арабӣ-арабӣ (49 адад), тоҷикӣ-омехта (7 адад), омехта-тоҷикӣ (16 адад), арабӣ-омехта (2 адад), омехта (5 адад).

Дар фасли сеюми ин боб оҳангнокӣ ва ҳамвазнии муродифҳои ҷуфт таҳқиқ гардида, муродифҳои ҷуфт аз рӯйи сохтор, ҳамнишинӣ ва муносибати байни вожаҳои муродифияшон дар **6** зерфасл таҳлили лингвистӣ шудаанд.

Нуктаи муҳимме, ки муаллифи диссертатсия дар ин фасл ба он таъкид меварзад, устуворӣ ва ноустувории муродифоти ҷуфт буда, ба андешаи муаллиф, муродифоти ҷуфти устувор хусусияти рехтагӣ дошта, дорои қоидаҳои вижаи худ мебошад.

Фасли чоруми боби севум "Муродифҳои пайиҳам ва воситаи алоқаи онҳо" ном дошта, дар бораи муродифҳои пайиҳам ва воситаи алоқаи онҳо маълумот дода шудааст. Ба андешаи муаллиф калимаҳои муродифие, ки бе пайвандаки пайвасткунандаи **-у** меоянд, муродифҳои пайиҳам ба ҳисоб мераванд.

Дар бахши хулоса натиҷаҳои ҷамъбастии таҳқиқ ба таври мухтасар оварда шудааст, ки баёнгари фишурдаи амали таҳқиқотӣ мебошад.

Ҳамин тавр, метавон чанд нуктаи хулосакунандаеро доир ба диссертатсия баён кард:

1. Мавзуи интихобшуда барои кори диссертатсионӣ **мубрам буда**, дар баррасии муродифҳои луғавӣ ва муродифҳои ҷуфту пайиҳам саҳми назаррас дорад. **Навгонии кор**, пеш аз ҳама, дар он ба мушоҳида мерасад, ки унвонҷӯ дар асоси «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ҳудудан 72 силсилаи муродифҳои луғавӣ ва 460 муродифи ҷуфтро гирдоварӣ намуда, онҳоро аз нигоҳи луғавию маъноӣ ва сохторию калимасозӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда дар диссертатсия муваффақона ҳаллу фасл гардидаанд. **Аҳаммияти назариявӣ** ва **моҳияти амалии** кор дар он аст, ки диссертатсия имкон дорад, барои навиштани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ доир ба таърихи забони адабӣ ва лексикологияи забони тоҷикӣ истифода бурда шавад ва барои гузаронидани курсу семинарҳои махсус дар факултетҳои филология ва шарқшиносии макотиби олӣ хидмат намояд;

2. Барои таҳқиқи мавзуи интихобшуда, ки мансуби замони гузашта асту бо замони муосир робитаи ногусастанӣ дорад, муҳаққиқ зарурати шинохт аз баромади калимаҳоро дарк намуда, баромади калимаҳоро низ тавзеҳ додааст, ки дар ин муваффақона амал кардааст;

3. Муҳаққиқ усули омориро ба кор бурда, тавонистааст, ки омори вожаҳои муродифӣ ва муродифоти ҷуфту пайиҳамро дар диссертатсия нишон диҳад;

4. Осори илмии донишмандони Шарқу Ғарб, ки ба масъалаи таҳқиқшаванда робита доранд, омӯхта шуда дар кор самаранок истифода шудаанд;

5. Одоби баҳси илмӣ бо донишмандони мутақаддам дуруст риоя шудааст;

6. Маводи барои таҳлил гирдомада дуруст аз дидгоҳҳои мавзуӣ, сохторӣ, баромади таърихӣ тасниф гардида, дар мавқеи худ баррасӣ шудаанд. Қисме аз онҳо метавонад имрӯз ҳам таркиби луғавии забони тоҷикиро зиннат диҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Халиков М. Ғ. кори анҷомёфта мебошад. Бо вуҷуди комёбиҳои унвонҷӯ дар таҳқиқот, баъзе камбудиҳое

ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда боиси беҳтар шудани кор мегардад:

1. Таносуби миқдорӣ дар ҳаҷми бобҳо риоя нашудааст. Боби якум агар 38 саҳифа бошад, боби дувум 102 саҳифа ва боби сеюм 142 саҳифа мебошад;

2. Дар матни таҳлили муҳаққиқ зимнӣ истифодаи истилоҳот, баъзан, якрангӣ дида намешавад. Аз ҷумла, дар мисоли истилоҳи муродиф, мутародиф ва синоним андешаронӣ намуда, дар мавриди мавқеъ ва ҷойгоҳи истилоҳоти ҳаммаъно ва наздикмаъно, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар диссертатсия ба кор бурда шудааст, чизе гуфта нашудааст;

3. Баъзан галатҳои техникӣ аз қабили часпидани калимаҳо, риоя нашудани фосила пас аз аломати китобати мобайни ҷумла ва охири ҷумла ва монанди он ба назар мерасад (сах. 10, 11, 12, 20...);

4. Ҳарчанд дар навиштани диссертатсия талаботи ахири имло риоя шуда бошад ҳам, аммо дар он ҳанӯз баъзе камбудиҳои характери таҳрирӣ, услубӣ, имлоӣ ва китобатӣ дошта, аз ҷумла дар шакли русӣ овардани номи олимон, риоя нашудани ташдид дар калимаҳое назири "хоси" ва ғайра ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо метавонист сифати корро беҳтар гардонад (с. 2, 4, 16, 21, 22, 24, 25, 29, 50, 54, 64, 73...).

Ин камбудию норасоиҳо, агачи ба сифати кор таъсир гузорад ҳам, арзиши илмии кори диссертатсионии унвонҷӯ Халиков Масъудҷон Ғафуровичро кам намекунад.

Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи такризшаванда дар соҳаи забоншиносӣ таҷрибаи аввалин буда, аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи унвонҷӯ мазмуну мундаричаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Халиков Масъудҷон Ғафурович дар мавзуи "Муродифот дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" ба талаботи

Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дарачахои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №27 тасдик гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар мачлиси кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айн рӯзи 14-уми декабри соли 2022, карори № 5 бо иштироки унвонҷӯ муҳокима ва қабул гардид.

Раиси ҷаласа:

Мудири кафедари назария ва амалияи забоншиносии
ДДОТ ба номи С.Айнӣ, номзади илми филология,
дотсент Қурбонов Мачид Абдулҳамидович

Ташхисгар:

Номзади илми филология, дотсенти кафедраи
назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ
ба номи С.Айнӣ Рахмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович

Котиб:

Доктори фалсафа (Ph.D) Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

Имзои дотсент Қурбонов М.А., Рахмонов Б.Н. ва Юсупов Ш.Р.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Мухсуҳфозода Абдукарим

Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 21, ДДОТ ба номи С.Айнӣ
Телефон: 938 -70-17-20. **E-mail:** zobit@list.ru